Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «___»__________ 20___ сол, № ___
тасдиқ шудааст

# ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ СУБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ

Тартиби гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ (минбаъд - Тартиб) мутобиқи моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила» таҳия гардида, тартиби гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавиро муқаррар менамояд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ, аз ҷумла филиалу намояндагиҳои онҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барои анҷом додани вазифаҳои танзим ва назорати суғуртавӣ гузаронида мешавад.

2. Тартиби мазкур нисбат ба субъектҳои фаъолияти суғуртавии зерин татбиқ мегардад:

- ташкилотҳои суғуртавӣ;
- ташкилотҳои азнавсуғуртакунӣ;
- ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила;
- филиал ва намояндагиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- филиал ва намояндагиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- филиал ва намояндагиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- филиал ва намояндагиҳои ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Мақсади асосии гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ арзёбии вазъи умумии ҳолати молиявӣ ё самтҳои алоҳидаи фаъолияти онҳо дар маҳалҳо мебошад, аз ҷумла арзёбии вазъи умумии ҳолати молиявӣ ё худ муайянсозии самтҳои алоҳидаи фаъолияти онҳо дар маҳалҳо, амалисозии дурусти баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, санҷиши дурустии пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ, раванди ташаккулдиҳии фондҳои захиравии суғуртавӣ, ҷойгиронӣ ва истифодаи мақсадноки захираҳои суғуртавӣ, мавҷудият ва ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ, идоракунии хавфҳои суғуртавӣ, ташкили назорати аудити дохилӣ, вазъи молиявӣ ва дурнамои фаъолият, ҳамчунин ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон ва масъалаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи суғурта муайян намудааст.

4. Гузаронидани санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон вазифаи санҷишҳоеро, ки ташкилотҳои аудиторӣ мегузаронанд ва

тафтиши ҳуҷҷатиеро, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷамъоварии далел аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ ва дигар парвандаҳо анҷом дода мешаванд, иҷро намекунад.

5. Санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ на камтар аз як маротиба дар як сол ва санҷиши филиалу намояндагиҳои онҳо на камтар аз як маротиба дар ду сол аз ҷониби намояндагони (кормандони) ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд- намояндагони ваколатдор) гузаронида мешавад.

6. Санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ давраи фаъолияти муайянро дар бар мегирад ва аз панҷ соли тақвимии фаъолияти он, ки пеш аз соли гузаронидани санҷиш меояд, зиёд буда наметавонад.

7. Санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар асоси нақшаи санҷиши ҳамаҷониба гузаронида мешавад. Нақшаи санҷиш ҳар нимсола аз тарафи воҳиди сохторӣ оид ба назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон омода карда шуда, аз ҷониби раиси Бонки миллии Тоҷикистон ё муовини ӯ, ки воҳиди сохторӣ оид ба назорати суғуртавиро сарпарастӣ мекунад, тасдиқ карда мешавад.

8. Санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ берун аз нақша (мавзуӣ) бо дастури раиси Бонки миллии Тоҷикистон ё муовини ӯ, ки воҳиди сохторӣ оид ба назорати суғуртавиро сарпарастӣ мекунад, гузаронида мешавад.

9. Ба нақшаи санҷиш пеш аз ҳама он субъектҳои фаъолияти суғуртавие дохил карда мешаванд, ки дар бораи вазъи ноустувори молиявӣ ё норасоию камбудиҳо ва қонунвайронкуниҳо дар фаъолияти онҳо маълумот ворид шудааст.

10. Ба ҳайати намояндагони ваколатдор кормандони воҳиди сохторӣ оид ба назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон ва мутахассисони ба ин мақсад аз воҳидҳдои сохтории дигар ҷалбгардида дохил мешаванд.

11. Санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар асоси ҳуҷҷате, ки ваколати намояндагони ваколатдорро барои гузаронидани санҷиш тасдиқ мекунад, (минбаъд- супоришнома) гузаронида мешавад.

12. Дар супоришнома ҳайати гурӯҳи санҷиш, бо нишон додани роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш дарҷ карда мешавад.

13. Супоришнома мутобиқи замимаи 1 Тартиби мазкур дар ду нусха таҳия мегардад.

14. Дар ҳолати тамдиди мӯҳлати санҷиш ва (ё) тағйир додани ҳайати шахсии гурӯҳи санҷиш ба супоришнома илова ворид карда мешавад, ки он ҷузъи таркибии супоришнома мебошад ва мутобиқи замимаи 2 Тартиби мазкур дар ду нусха таҳия карда мешавад.

15. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ё муовини ӯ – сарпарасти воҳиди сохторӣ оид ба назорати суғуртавӣ ва шахсони онҳоро ивазкунанда (минбаъд - шахси мансабдор) ҳуқуқи имзо кардани супоришномаро доранд.

16. Сарпарасти (мутахассиси воҳиди сохторӣ оид ба назорати суғуртавӣ) субъекти фаъолияти суғуртавии санҷишаванда то оғози санҷиш бояд маълумоти зеринро омода намояд:

- ҳисоботи ягонаи молиявии маҷмуӣ;
- ҳисобот оид ба таҳлили фаъолияти молиявӣ;
- норасоиҳо дар давоми сол;

- камбудиҳо дар ҷойҳои осебпазир ва ғайра.

17. Санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ аз лаҳзаи аз ҷониби роҳбари гурӯҳи санҷиш пешниҳод гардидани супоришнома ба роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ оғоз ёфта (минбаъд-таърихи оғози санҷиш), пас аз супурдани санади санҷиш барои шиносоӣ ба субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар асоси пайнавишти қабулу супурд ба итмом мерасад (минбаъд-таърихи анҷоми санҷиш).

18. Муҳлати санҷиши ҳамаҷонибаи субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар алоҳидагӣ, метавонад то 30 рӯзи корӣ муқаррар гардад. Дар ҳолатҳои истисноӣ (вобаста ба зарурати истеҳсолӣ) он метавонад дар асоси гузориши роҳбари гурӯҳи санҷиш ва розигии сарпарасти воҳиди сохторӣ ба муҳлати то 10 рӯзи корӣ тамдид карда шавад.

19. Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ надорад, ки такроран аз рӯи ҳамон як масъалаи давраи фаъолияти санҷидашудаи субъекти фаъолияти суғуртавӣ бештар аз як маротиба санҷиш гузаронад, ба истиснои ҳолатҳои зерин:

- вобаста ба азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии субъекти фаъолияти суғуртавӣ;

- дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳолатҳои боздошт ё қатъи амали иҷозатнома.

20. Шахси мансабдор дар асоси гузориши роҳбари гурӯҳи санҷиш метавонад оид ба боздошт ё қатъи санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои зерин қарор қабул намояд:

1) асос барои боздоштани санҷиш:

- таҳдид ба ҳаёт ва саломатии роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш;

- мамониати субъекти фаъолияти суғуртавӣ ба гузаронидани санҷиш;

- ба гурӯҳи санҷиш пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳое (иттилооте), ки барои гузаронидани санҷиш зарур аст;

- ҳолатҳои дигар, ки вобаста ба зарурати истеҳсолӣ барои гузаронидани санҷиш монеа эҷод мекунанд.

2) асос барои қатъ кардани санҷиш:

- бозхонд намудани иҷозатномаи субъекти фаъолияти суғуртавӣ барои анҷом додани фаъолият;

- азнавташкилдиҳӣ ё ивазшавии шакли ташкилию ҳуқуқии субъекти фаъолияти суғуртавӣ;

- таъини маъмурияти муваққатӣ оид ба идоракунии субъекти фаъолияти суғуртавӣ.

Дар ҳолати аз ҷониби шахси мансабдор, ки супоришномаро имзо кардааст, қабул гардидани қарор оид ба қатъи санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ, натиҷаҳои санҷиши он мутобиқи Тартиби мазкур ба расмият даровarда мешаванд.

21. Огоҳинома оид ба боздоштани санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ, ки мутобиқи замимаи 3 Тартиби мазкур таҳия гардидааст, ба роҳбарияти субъекти фаъолияти суғуртавӣ фиристода мешавад ва натиҷаҳои санҷиши он мутобиқи талаботи боби 7 Тартиби мазкур ба расмият дароварда мешаванд.

22. Шахси мансабдор, ки дар бораи боздоштани санҷиш хулоса баровардааст, дар сурати бартараф шудани ҳолатҳое, ки барои боздоштани санҷиш асос шуда буданд, дар хусуси аз нав давом додани санҷиш қарор қабул мекунад.

23. Дар мавриди аз нав давом додани санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ ҳангоми зарурат ба супоришнома мутобиқи замимаи 2 Тартиби мазкур илова ворид карда шуда, ба расмият даровардa мешавад.

24. Ба натиҷаи санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ маълумоте тааллуқ дорад, ки барои Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои вазифаи танзим ва назорати суғуртавӣ зарур аст ва он дар рафти санҷиш илова ба ҳисоботҳое, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, гирифта шуда, асос барои арзёбӣ ва натиҷагирӣ оид ба вазъи умумӣ ё самтҳои алоҳидаи фаъолияти он ба ҳисоб меравaнд, инчунин, маълумоти дигари назоратӣ оид ба далелу ҳолатҳои ошкоршуда дар фаъолияти он, аз ҷумла:

- маълумоти нодуруст оид ба вазъи молиявӣ ва молумулкии субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар натиҷаи риоя накардани тартиби муқарраршудаи баҳисобгирӣ ва ҳисобдорӣ ва таҳрифи ҳисоботи муҳосибӣ, оморӣ ва молиявӣ;

- далелҳои (ҳолатҳои) аз ҷониби субъекти фаъолияти суғуртавӣ риоя нагардидани қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва амрномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон, пешниҳод накардани маълумот ё пешниҳоди маълумоти нопурра ё носаҳеҳ;

- поймол намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон;

- фаъолияти субъекти фаъолияти суғуртавӣ, амали (беамалии) кормандон ё мақомоти идоракунии он, ки боиси риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон намебошад, вале таъсири манфӣ дорад ё метавонад ба вазъи молиявӣ ва хавфҳои базиммагирифтаи он ё барои фароҳам овардани замина ба пайдоиши вайронкуниҳо ва хавфҳои иловагӣ таъсири манфӣ расонад.

## 2. ҲУҚУҚ, УҲДАДОРИҲО ВА МАСЪУЛИЯТИ НАМОЯНДАГОНИ ВАКОЛАТДОРИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

25. Намояндагони ваколатдор, ки гурӯҳи санҷишро ташкил мекунанд (минбаъд – намояндагони ваколатдор) дар фаъолияти худ қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон, «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», «Дар бораи суғуртаи мутақобила», «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом», Тартиби мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистонро дастури амал қарор медиҳанд. Ба ҳайати гурӯҳи санҷиш шахсоне, ки саҳмиядори (иштирокчии) субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ мебошанд ва ё аъзои оилаи онҳо (зану шавҳар, фарзандон, бародарону хоҳарон, падару модар, падарандар ва модарандар, писарандар ва духтарандар), ки корманди роҳбарикунандаи субъекти фаъолияти суғуртавӣ мебошанд, дохил карда намешаванд.

26. Роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш ҳифзу нигаҳдорӣ ва баргардонидани молу мулк ва ҳуҷҷатҳои аз субъекти фаъолияти суғуртавӣ гирифтаро (ба истисноu нусхаи ҳуҷҷатҳое (маълумоте), ки тибқи муқаррароти Тартиби мазкур гирифта шудаанд) таъмин мекунанд.

27. Гузаронидани санҷиш дар асоси ҳамкории тарафайни гурӯҳи санҷиш бо субъекти фаъолияти суғуртавӣ аз рӯи ҳамаи масъалаҳои санҷишаванда ба зиммаи шахсони зерин вогузор мегардад:

- роҳбари гурӯҳи санҷиш ва аъзои гурӯҳ;

- мақомоти иҷроияи (директор, раис) субъекти фаъолияти суғуртавӣ, муовинони директор, раис, роҳбарони филиалҳо, намояндагиҳо ва муовинони онҳо;

- кормандони масъули воҳидҳои сохтории санҷишшавандаи субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар ҳолати гузаронидани санҷиш;

- мудири маъмурияти муваққатӣ оид ба идоракунии субъекти фаъолияти суғуртавӣ, ки таъин гардидааст.

28. Роҳбари гурӯҳи санҷиш вақти омаду рафти ҳаррӯзаи гурӯҳи санҷишро дар бино ва дигар биноҳои хизматии субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар давоми мӯҳлати санҷиш бо назардошти тартиби кории дар он амалкунанда муқаррар карда, барои назорати иҷрои он масъул мебошад.

29. Ҳангоми зарурат барои аъзои гурӯҳи санҷиш дар мувофиқа бо роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ мумкин аст вақти омаду рафте муқаррар карда шавад, ки аз тартиби кории дар субъекти фаъолияти суғуртавии амалкунанда фарқ мекунад,.

30. Роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш ҳуқуқ доранд:

1) ба биноҳои хизматии субъекти фаъолияти суғуртавии мавриди санҷиш қарордошта, ки маълумотҳои иттилоотиро ҷамъ, коркард ва нигаҳдорӣ мекунанд, ҳангоми зарурат бо ҳамроҳии кормандони махсуси ҷудошудаи он ё кормандони дигар ташкилоте, ки дар асоси шартнома риоя шудани тартиби гузарномадиҳӣ ё ҳифзу нигаҳбонии субъекти фаъолияти суғуртавиро анҷом медиҳанд, бемамоният ворид шаванд;

2) аз воситаҳои техникии субъекти фаъолияти суғуртавӣ, аз ҷумла компютерҳо, дастгоҳи ҳомили иттилоот ва дигар воситаҳои электронӣ, калкулятор, дастгоҳи нусхабардорӣ, сканер, телефон (аз ҷумла телефони хизматӣ, ки барои гузаронидани санҷиш ва фаъолияти гурӯҳи санҷиш зарур мебошад) истифода намоянд;

3) дар давраи санҷиш ҳамаи ҳуҷҷатҳоеро (иттилоотеро), ки барои расидан ба мақсадҳои санҷиш заруранд, аз роҳбар, кормандон, саҳмиядорон (иштирокчиён), суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагони субъекти фаъолияти суғуртавӣ, дастрас намояд, аз ҷумла:

- аз саҳмиядорони (иштирокчиёни) субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ, суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагони онҳо дастрас кардани ҳуҷҷатҳои (маълумоти) зарурӣ барои муайян кардани воқеият, аз ҷумла барои тасдиқи маълумоти дар ҳуҷҷатҳо дарҷгардида;

- ҳуҷҷатҳои таъсисию ташкилӣ, фармону фармоишҳо, дастурамалҳо, низомномаҳо, дастурҳо, қоидаҳо ва дигар санадҳои дохилии ташкилот;

- маводи хадамоти назорати дохилӣ ё аудити дохилии субъекти фаъолияти суғуртавӣ, аз ҷумла ҳисоботҳо, хулосаҳои хадамоти назорати дохилӣ ё аудити дохилӣ ва натиҷаи баррасии онҳо;

- ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии ҷузъӣ ва куллии субъекти фаъолияи суғуртавӣ, аз ҷумла оид ба шартномаҳои басташуда, пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ ва китоби бақайдгирии полисҳои суғуртавӣ;

- баёноти хаттии шахсони масъули субъекти фаъолияти суғуртавӣ оид ба масъалаҳои дар рафти санҷиш ба миёномада, ки ҷузъи таркибии санади санҷиш мебошад, гиранд;

- ҳисоботи молиявӣ, оморӣ ва фаврии субъекти фаъолияти суғуртавӣ;

- эзоҳнома, маълумотномаҳо, тавзеҳоти хаттии роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ ва кормандони он;

- хулосаҳои аудиторӣ оид ба ҳисоботи молиявии субъекти фаъолияти суғуртавӣ;

- санадҳо ва маводи санҷишҳои қаблии субъекти фаъолияти суғуртавӣ, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомоти дахлдор ҷиҳати риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудаанд;

- шартномаҳое, ки субъекти фаъолияти суғуртавӣ бастааст;

- ҳуҷҷатҳо оид ба иҷрои талаботи қонунгузорӣ дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом аз ҷониби субъекти фаъолияти суғуртавӣ;

4) аз ҳуҷҷатҳои субъекти фаъолияти суғуртавӣ нусхабардорӣ кунанд;

5) ба ҳуҷҷатҳои субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар низомҳои истифодашавандаи автоматишуда ва иттилоотӣ (махзани маълумот), ҳамчунин ба тавзеҳоти хаттӣ оид ба масъалаҳое, ки ба таҳия, татбиқ, стандартизатсия ва истифодаи онҳо марбут аст, имконияти дастрасӣ дошта бошанд;

6) ба низоми автоматишудаи субъекти фаъолияти суғуртавӣ имконияти дастрасӣ дошта бошанд, ҳамчунин нусхаи электронии ҳуҷҷатҳо ва нусхаи дигар сабтҳоро (дар дастгоҳи ҳомили иттилоот, ки дар ихтиёри худ доранд), аз ҷумла феҳристҳои ҳисобдориро, ки дар пойгоҳи маълумотии низоми автоматишуда ва иттилоотӣ, низомҳои автоматишуда компютерӣ ва компютерҳои алоҳида нигаҳдоришаванда, ҳамчунин рамзкушоии ин сабтҳоро ба даст оранд.

31. Ҳуҷҷатҳои (иттилоотӣ) субъекти фаъолияти суғуртавӣ, ки барои гузаронидани санҷиш заруранд, дар асоси дархости пешниҳоди ҳуҷҷатҳо (иттилоот), дар мӯҳлати дархостшуда, ба аъзои гурӯҳи санҷиш пешниҳод карда мешаванд.

32. Роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш уҳдадоранд:

- маълумотеро, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сирри субъекти фаъолияти суғуртавӣ ё суғурташавандагон мебошад, фош накунанд, ҳуҷҷату файлҳои аз субъекти фаъолияти суғуртавӣ гирифтаро маҳфуз нигоҳ доранд;

- пас аз анҷоми санҷиш таҷҳизоти техникии дархостшударо баргардонанд;

- баҳои воқеии субъекти фаъолияти суғуртавии санҷидашавандаро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар санад дарҷ намоянд.

## 3. УҲДАДОРИҲОИ СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ

33. Субъекти фаъолияти суғуртавӣ уҳдадор аст ба роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш дар гузаронидани санҷиш мусоидат намояд.

34. Роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ, ки мавриди санҷиш қарор мегирад, на дертар аз рӯзи кории пас аз санаи оғози санҷиш уҳдадор аст, ки:

- шахсони мансабдори субъекти фаъолияти суғуртавӣ ва кормандони онро, ки бояд бо роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш ҳамкорӣ намоянд, салоҳият ва масъулияти

онҳоро баҳри таъмини дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳои барои гузаронидани санҷиш зарурӣ муайян кунад;

- дар шакли хаттӣ оид ба кормандони масъул роҳбари гурӯҳи санҷишро огоҳ намояд.

35. Роҳбар ва кормандони субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар давраи санҷиш уҳдадоранд, ки:

- аз санаи оғоз то анҷоми санҷиш, ҳангоми аз ҷониби роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш нишон додани шаҳодатномае, ки Бонки миллии Тоҷикистон додааст (дигар ҳуҷҷате, ки аз кормандони Бонки миллии Тоҷикистон будани шахсони нишондодашударо гувоҳӣ медиҳад), роҳбар ва кормандони субъекти фаъолияти суғуртавӣ мавриди санҷиш қарордоштаро барои бемамониат ба бино ва дигар биноҳои хидматии он ворид шудани гурӯҳи санҷиш таъмин намоянд;

- дар бинои хидматии ташкилот барои гурӯҳе, ки аз кормандони субъекти фаъолияти суғуртавӣ ва шахсони бегона ҷудо карда шудаасту ҳифзу посбонӣ мешавад ва бо воситаҳои зарурӣ, ҷевонҳои насӯзанда барои нигаҳдории ҳуҷҷатҳо, компютерҳои дорои таъмини барномавӣ, воситаҳои ташкилию техникии бо роҳбари гурӯҳи санҷиш мувофиқашуда муҷаҳҳаз аст, барои роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш шароити мусоиди корӣ фароҳам оваранд;

- роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишро бо ҳуҷҷатҳои (иттилооти) барои гузаронидани санҷиш зарурӣ, бо низоми автоматишуда ва иттилоотии субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар тартиби аз назар гузаронидан ва интихоб карда гирифтани иттилооти зарурӣ, ҳамчунин гирифтани нусхаи ҳуҷҷатҳо (иттилоот) дар воситаҳои электронӣ ва коғазӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои дар низоми автоматишуда ва иттилооти маҳфузбударо тибқи Тартиби мазкур таъмин кунанд.

36. Субъекти фаъолияти суғуртавӣ барои пурра ва сари вақт иҷро кардани дархостномаи пешниҳодкунии ҳуҷҷатҳо (иттилоот) ба роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш, ки барои гузаронидани санҷиш мутобиқи муҳлатҳои дар дархостнома муқарраркардашуда заруранд, вазифадор мебошад.

37. Маълумоти дорои сирри суғуртавӣ, тиҷоратӣ, хидматӣ ва дигар сирре, ки дар хуҷҷатҳои барои гузаронидани санҷиш зарур мавҷуд аст, наметавонад боиси рад гардидани пешниҳоди онҳо ба гурӯҳи санҷиш гардад.

38. Маълумоте, ки дорои сирри давлатӣ мебошад, дар асоси дархост бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи санҷиш дода мешавад.

39. Бо талаби роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш нусхаи ҳуҷҷатҳои (иттилооти) пешниҳодшаванда бояд дар парванда дӯхта шуда, бо имзои роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ ва сармуҳосиби он, шахсони онҳоро ивазкунанда ва нақши муҳри субъекти фаъолияти суғуртавӣ тасдиқ карда шавад.

40. Дар ҳолати набудани ҳуҷҷатҳо (иттилоот) ё сар задани ҳолатҳои дигаре, ки дар муҳлати муқарраркардаи дархостнома ба пешниҳод шудани онҳо монеъ мегарданд, роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ ё шахси ӯро ивазкунанда бояд то тамом шудани муҳлати таъиншудаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо (иттилоот) ба роҳбари гурӯҳи санҷиш оид ба сабабҳои иҷро нагардидани дархостнома ҷавоби хаттӣ пешниҳод кунад.

41. Роҳбар ва кормандони субъекти фаъолияти суғуртавӣ, ҳамчунин кормандони дигар ташкилотҳое, ки онро дар асоси шартнома посбонӣ мекунанд, ҳуқуқ надоранд:

- воситаҳои ташкилию техникии мавриди истифодаи роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишро санҷанд, дигар ҳуҷҷатҳои хидматиро гиранд, аз назар гузаронанд ё ба истифодабарии онҳо ҳангоми гузаронидани санҷиш имконият надиҳанд;

- аз роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ баёнот додан ё иҷрои ягон уҳдадориро талаб кунанд;

- аз роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш дигар талаботеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби мазкур пешбинӣ накардаанд, талаб намоянд.

42. Субъекти фаъолияти суғуртавӣ ҳуқуқ дорад бо риояи талаботи муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо розигии Бонки миллии Тоҷикистон, ки фаъолияти онро назорат мекунад, санади санҷиширо бо дархости ташкилотҳои аудиторӣ, ки санҷиши аудитории ташкилоти мазкурро анҷом медиҳанд, пешниҳод намояд.

## 4. ОМОДАГӢ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ

43. Омодагӣ барои гузаронидани санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар асоси маълумоте, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои мушаххас кардани масъалаҳои мавриди санҷиш қарордошта дар ихтиёр дорад, барои давраи санҷиш ва муайян кардани ҳаҷми ҳуҷҷатҳои барои гузаронидани санҷиш зарурӣ, ки ҳамчун намуна гирифта мешаванд, бо назардошти арзёбии пешакии ҳолатҳои зерин сурат мегирад:

- вазъи молиявии субъекти фаъолияти суғуртавӣ;

- риояи меъёрҳои мақбули мақоми назорати суғуртавӣ;

- дурустии ҳисоботҳое, ки субъекти фаъолияти суғуртавӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мекунад;

- бартараф кардани камбудию норасоиҳое, ки дар рафти санҷишҳои қаблии субъекти фаъолияти суғуртавӣ ошкор шуда буданд;

- иҷро гардидани дигар талаботи қонунгузории фаъолияти суғуртавӣ;

- иҷро гардидани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом.

44. Санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ бе огоҳонидан ва бо огоҳонидани пешакӣ сурат мегирад.

45. Огоҳиномаи пешакӣ оид ба гузаронидани санҷиш ба роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ фиристода мешавад.

46. Огоҳиномаи пешакӣ оид ба гузаронидани санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ метавонад дорои талаботе бошад, ки субъекти фаъолияти суғуртавӣ ҷиҳати таъмини мусоидат ба гузаронидани санҷиш амали мушаххасеро бояд иҷро намояд, аз ҷумла:

- омода намудани ҳуҷҷатҳо (маълумот) оид ба масъалаҳое, ки бояд санҷида шаванд ё барои санҷиш заруранд;

- анҷом додани чораҳои ташкилӣ, аз ҷумла ҷудо кардани утоқи алоҳидаи хидматии стандартӣ барои гурӯҳи санҷиш ва бо воситаҳои ташкилию техникӣ муҷаҳҳаз кардани он;

- иҷрои дигар амалҳое, ки барои мусоидат дар гузаронидани санҷиш заруранд.

47. Санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ оид ба масъалаи риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба ҷойгиркунии маблағҳои худӣ, сармояи оинномавӣ ва захираҳои суғуртавӣ бо пули нақд, муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом бидуни қаблан огоҳ кардани он сурат мегирад.

48. Тартиби санҷиши хазинаҳои субъекти фаъолияти суғуртавӣ бо роҳи ҳисоб кардани пулҳои коғазӣ варақ ба варақ ва тангаҳо дона ба дона бо иштироки гурӯҳи санҷиш ва шахсони масъули субъекти фаъолияти суғуртавӣ амалӣ карда мешаванд.

## 5. ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ

49. Роҳбари гурӯҳи санҷиш нусхаи аввали супоришномаро ба шахсони зерин месупорад:

- ба роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ (дар сурати гузаронидани санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ);

- ба роҳбари филиал ва намояндагӣ (дар сурати гузаронидани санҷиши филиал ва намояндагии субъекти фаъолияти суғуртавӣ).

50. Далели гирифтани супоришнома дар нусхаи дуюми он бо имзои роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ, ки супоришномаро гирифтааст, бо нишон додани вазифа, ному насаб, инчунин таърих ва вақти гирифтани он тасдиқ карда мешавад.

51. Нусхаи дуюми супоришномаро роҳбари гурӯҳи санҷиш нигоҳ медорад.

52. Илова ба супоришнома тибқи Тартиби мазкур ба роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ супорида мешавад.

53. Роҳбар ва кормандони субъекти фаъолияти суғуртавӣ, аз ҷумла кормандони масъули филиалҳо ва намояндагиҳои он вазифадоранд, ки мутобиқи Тартиби мазкур аз лаҳзаи нишон додани супоришнома дар гузаронидани он мусоидат намоянд.

54. Санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои он аз рӯи масъалаҳои замимаи 4 тартиби мазкур гузаронида мешавад.

55. Замимаи 4 Тартиби мазкур ба санҷишҳои берун аз нақша (мавзуӣ) татбиқ намегардад.

56. Ҳангоми зарурат дар давраи гузаронидани санҷиш роҳбари гурӯҳи санҷиш дар мувофиқа бо шахси мансабдор, ки супоришномаро имзо кардааст, барои муҳокимаи натиҷаҳои пешакии санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ ҷиҳати аз он талаб намудани тавзеҳоти иловагӣ барои бартараф кардани ихтилофоти эҳтимолӣ дар масъалаи мавҷудияти камбудию норасоиҳои ошкоршуда, ҳисобдории нодуруст ва инъикос кардани онҳо дар санади санҷиш ва имкони бартараф кардани онҳо бо роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ машварат доир менамояд.

## 6. БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ САНАД ДАР ХУСУСИ МАМОНИАТ БА ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ

57. Аз ҷониби субъекти фаъолияти суғуртавӣ иҷро накардани (иҷрои номатлуби) уҳдадориҳо барои мусоидат ҷиҳати гузаронидани санҷиш дар субъекти фаъолияти суғуртавӣ, ки Тартиби мазкур муқаррар намудааст, ҳамчун мамониат ба гузаронидани санҷиш ба ҳисоб меравад.

58. Далели мамониат кардан ба гузаронидани санҷиш инҳоянд:

- наандешидани чораҳо баҳри таъмини даромаду баромади бемамониати роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш ба бино ва дигар биноҳои хидматии субъекти фаъолияти суғуртавии мавриди санҷиш қарордодашуда ё воҳиди сохтории он мутобиқи Тартиби мазкур;

- рад намудани гирифтани супоришнома пас аз пешниҳод шудани он аз ҷониби роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ ё саркашӣ аз тасдиқи далели гирифтани супоришнома;

- мутобиқи Тартиби мазкур аз ҷониби субъекти фаъолияти суғуртавӣ пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳо (маълумот) ё нусхаи онҳо дар ҳаҷми пурра дар асоси дархости пешниҳоди ҳуҷҷатҳое (маълумоте), ки онро гурӯҳи санҷиш барои иҷро дар муҳлати муқarrаргардида тартиб додаанд;

- саркашии роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ аз шиносоӣ бо санади санҷиш ё аз имзо намудани он тибқи муқарраротi боби 7 Тартиби мазкур.

59. Роҳбари гурӯҳи санҷиш дар сурати мамониат ба гузаронидани санҷиш мутобиқи замимаи 7 Тартиби мазкур дар ду нусха санад тартиб медиҳад.

60. Санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш аз ҷониби роҳбари гурӯҳи санҷиш ва аъзои гурӯҳи санҷиш имзо карда мешавад.

61. Роҳбари гурӯҳи санҷиш санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷишро ба роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ месупорад.

62. Далели гирифтани санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш дар нусхаи дуюми он бо имзои роҳбар ё корманди масъуле, ки санадро гирифтааст, бо нишон додани вазифа, ному насаб, инчунин таърих ва вақти гирифтани он тасдиқ карда мешавад.

63. Агар роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ ё шахсони ивазкунандаи роҳбар гирифтани санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш ё имзо кардани онро, ки далели гирифтани санадро тасдиқ кунад ё рад намояд, он гоҳ дар санад бо нишон додани вазифа, ному насаби роҳбар ё шахсони ивазкунандаи роҳбар ва таърихи радкунӣ сабти зерин ворид мегардад: «Гирифтани санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷишро рад кард» ё «Имзо намуданро, ки далели гирифтани санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷишро тасдиқ мекунад, рад кард».

64. Санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш аз ҷониби роҳбари гурӯҳи санҷиш мутобиқи Тартиби мазкур барои қабули қарор ба шахси мансабдор пешниҳод карда мешавад.

65. Нусхаи санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш, бо супориши шахси мансабдор ба роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ, Шурои директорони (Шурои нозирони) ё муассисони он фиристода мешавад.

## 7. ТАЛАБОТ БАРОИ БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ НАТИҶАҲОИ САНҶИШИ СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ

66. Натиҷаи санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар санади санҷиш инъикос карда мешавад.

67. Санади санҷиш аз рӯйи натиҷаи санҷиши сохторҳои мазкур таҳия мегардад:

- субъекти фаъолияти суғуртавӣ;

- филиал ва намояндагии субъекти фаъолияти суғуртавӣ.

68. Ҳангоми гузаронидани санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавии дорои филиалҳо ва намояндагиҳо ба шарти дар як вақт (якбора) гузаронидани санҷиши саридора, филиал ва намояндагии он, аз рӯйи маводи санҷиши саридора ва санадҳои санҷишии филиалҳо ва намояндагиҳо санади ҷамъбастии санҷишӣ тартиб дода мешавад. Дар ҳолати тартиб додани санади ҷамъбастии субъекти фаъолияти суғуртавӣ, ки дорои филиалҳо ва намояндагиҳо мебошад, санади саридораи он метавонад тартиб дода нашавад.

69. Санади санҷиш ҳуҷҷати дорои маълумоти дастрасиаш ба шахсони сеюм маҳдуд мебошад, ба истисноИ ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

70. Санади санҷиш мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дар ду нусха мутобиқи замимаи 5 Тартиби мазкур ба расмият дароварда мешавад.

71. Санади санҷиш аз қисми муқаддимавӣ, таҳлилӣ ва хотимавӣ иборат мебошад.

72. Қисми муқаддимавии санади санҷиш бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- таърих ва маҳалле, ки дар он ҷо санади санҷиш ба расмият дароварда шудааст;

- рақами бақайдгирӣ ва тартибии дигар маълумотҳои дахлдори субъекти фаъолияти суғуртавӣ, ки дар Феҳристи ягонаи давлатии иштирокчиёни касбии бозори суғурта сабт гардидааст ва ҳамчунин маълумот дар бораи маҳалли ҷойгиршавии он;

- хусусиятҳои гузаронидани санҷиш ва ба расмият даровардани натиҷаҳои санҷиш бо нишон додани далелҳои мамониат кардан ба гузаронидан, боздоштан ё қатъ кардани санҷиш, омода намудани санадҳои санҷиш дар ҳолатҳое, ки Тартиби мазкур муқаррар кардааст.

73. Қисми таҳлилии санади санҷиш бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- дар бораи ҳуҷҷатҳое (иттилооте), ки ташкилот дар давоми муҳлати гузаронидани санҷиш пешниҳод кардааст (накардааст);

- дар бораи дуруст будани баҳисобгирии (ҳисоботдиҳии) субъекти фаъолияти суғуртавӣ;

- дар бораи далелҳои (ҳолатҳои) камбудию норасоиҳои дар фаъолияти субъекти фаъолияти суғуртавӣ ошкоршуда (бо нишон додани ҷой ва вақти содир шудани вайронкунӣ ва муқаррароти мушаххаси қонунгузории соҳаи суғурта ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, ки талаботи онҳоро

субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ вайрон кардааст ва дар лаҳзаи ошкоршавӣ бартараф карда нашудаанд);

- дар бораи аз ҷониби субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар таърихи ба анҷомрасии санҷиш бартараф карда шудани камбудию қонунвайронкуниҳои дар фаъолияти он ошкоршуда ва ҳамчунин нодурустии баҳисобгирии (ҳисоботдиҳии) онҳо.

74. Дар қисми таҳлилии санади санҷиш субъекти фаъолияти суғуртавӣ инчунин, бояд хулосаҳои роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш аз рӯйи натиҷаи санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ, ҳамчунин маълумоти дигари назоратӣ, ки барои муайян кардани хавфҳои рухдиҳандаи ҳодисаи суғуртавӣ, дороиҳо, уҳдадориҳо зарур мебошанд, андоза ва ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ, ҳамчунин ташаккули фондҳои захиравии суғуртавӣ, вазъи молиявӣ ва дурнамои фаъолияти он дарҷ карда шаванд.

75. Қисми хотимавии санади санҷиш бояд маълумоти ҷамъбастӣ оид ба натиҷаҳои асосии санҷиш ва хулосаи гурӯҳи санҷише, ки санҷиш гузаронидааст, дар бар гирад.

76. Санади санҷиши филиалҳо ва намояндагиҳои субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ, ки ба санади ҷамъбастии санҷишӣ дохил мешавад, бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

- риоя шудани қоидаҳову расмиёт ва меъёрҳои дохилӣ аз ҷониби филиалҳо ва намояндагиҳо, ки онҳоро саридораи субъекти фаъолияти суғуртавӣ тасдиқ кардааст;

- дар бораи ташкили низоми назорати дохилии субъекти фаъолияти суғуртавӣ нисбат ба фаъолияте, ки филиал ва намояндагӣ амалӣ менамояд.

77. Санади санҷиш ба шахси мансабдор дар ҳолатҳои зарурӣ бо замимаи нусхаи ҳуҷҷатҳои субъекти фаъолияти суғуртавӣ, ки дар рафти санҷиш ошкор гардидани баҳисобгирии (ҳисоботдиҳии) нодуруст, қонунвайронкунӣ ва камбудиҳоро дар фаъолияти он тасдиқ мекунанд, пешниҳод мегардад.

78. Далелҳои нодурустии баҳисобгирии (ҳисоботдиҳӣ), қонунвайронкунию камбудиҳо дар фаъолияти субъекти фаъолияти суғуртавӣ бо назардошти муҳим будани онҳо барои баҳодиҳии вазъи молиявӣ ва дурнамои фаъолият, низоми идоракунӣ ва ташкили назорати дохилӣ, ҳамчунин барои қабули қарор оид ба истифодаи чораҳо нисбат ба он мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дар санади санҷиш инъикос мегарданд.

79. Моҳияти нодурустии баҳисобгирӣ (ҳисоботдиҳӣ) мутобиқи меъёрҳое, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муайян мегарданд, муқаррар карда мешавад.

80. Мулоҳизаҳои асосноки роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш дар заминаи ҳуҷҷатҳое (иттилооте), ки аз субъекти фаъолияти суғуртавӣ гирифта шудаанд, барои маълум кардани моҳияти қонунвайронкунию камбудиҳои дар фаъолияти субъекти фаъолияти суғуртавӣ ошкоршуда асос ба ҳисоб меравад.

81. Мулоҳизаҳои асосноки роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш ҳамчунин дар хусуси аз ҷониби субъекти фаъолияти суғуртавӣ риоя гардидани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дар

соҳаи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, ташкили назорати дохилӣ, вазъи молиявӣ ва дурнамои фаъолият барои маълум кардани моҳияти қонунвайронкунию камбудиҳои дар фаъолияти он ошкоршуда пешниҳод мегарданд.

82. Ҳангоми муҳокимаи натиҷаҳои санҷиш бо субъекти фаъолияти суғуртавӣ мутобиқи Тартиби мазкур роҳбари гурӯҳи санҷиш ҳуқуқ дорад, ки роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавиро бо мулоҳизаҳои асоснок ва шарҳи он шинос намояд.

83. Мулоҳизаҳои асосноки роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш ва шарҳи он дар гузориши натиҷаи санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ инъикос гардида, ба шахси мансабдор пешниҳод мегардад.

84. Шахси мансабдор ҳуқуқ дорад ҳангоми зарурат роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ, раис (ва ё аъзои) Шурои директоронро (Шурои нозиронро) ё муассисонро барои баррасии натиҷаҳои санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ даъват намояд.

85. Санади санҷиш аз ҷониби роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш имзо карда мешавад. Дар ҳолати ғайриимкон будани имзо гузоштани санади санҷиш аз ҷониби аъзои алоҳидаи гурӯҳи санҷиш (беморӣ ва ё дигар сабабҳои воқеӣ), роҳбари гурӯҳи санҷиш сабаби набудани имзои онро ишора мекунад.

86. Қабул гардидани қарор аз ҷониби шахси мансабдор мутобиқи Тартиби мазкур оид ба боздоштан ё қатъ намудани санҷиш дар асоси санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ:

1) ҳангоми дар мӯҳлати муайяншуда ба гурӯҳи санҷиш пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳое (иттилооте), ки барои гузаронидани санҷиш зарур ва кофӣ мебошанд;

2) ҳангоми эҷод кардани монеа ба гурӯҳи санҷиш барои ворид шудан ба дохили бино ва дигар биноҳои хидматии субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои он;

3) ҳолатҳои дигар, ки барои гузаронидани санҷиш монеа эҷод мекунанд.

## 8. ХУСУСИЯТҲОИ БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ САНАДИ САНҶИШ ТО БА АНҶОМ РАСОНИДАНИ САНҶИШИ СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ

87. Санади санҷиш то ба анҷом расонидани санҷиш (минбаъд - санади фосилавии санҷиш) ҳангоми ошкор гардидани далелу ҳолатҳое, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон истифодаи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасониро нисбат ба субъекти фаъолияти суғуртавӣ талаб мекунад, дар ҳолатҳои зерин тартиб дода мешавад:

- мавҷудияти асос барои бозхонди иҷозатномаи субъекти фаъолияти суғуртавӣ;
- риоя накардани талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт», «Дар бораи суғуртаи мутақобила» ва «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»;

- нодурустии маълумоти баҳисобгирии (ҳисоботдиҳии) субъекти фаъолияти суғуртавӣ;

- дигар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон.

88. Санади фосилавии санҷиш дар ду нусха мутобиқи замимаи 5 Тартиби мазкур таҳия гардида, аз ҷониби роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш имзо карда мешавад.

89. Ҳангоми тартиб додани санади фосилавии санҷиш нусхаи санад барои шиносоӣ тибқи муқаррароти боби 9 Тартиби мазкур ба субъекти фаъолияти суғуртавӣ дода шуда, инчунин, ба шахси мансабдор равона карда мешавад.

## 9. ШИНОС НАМУДАНИ СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ БО САНАДИ САНҶИШ

90. Санади санҷиш аз ҷониби роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш барои шиносоӣ ба роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ дода мешавад ё ба роҳбар ва ё муовини филиалҳо ва намояндагиҳои он, ки ваколатнома оид ба қабули санади санҷиш ва минбаъд барои шиносоӣ ба роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ додани он пешниҳод кардааст, супурда мешавад.

91. Супурдани санади санҷиш барои шинос намудани мақомоти идоракунии субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар асоси пайнавишти қабулу супурди санади санҷиш, ки дар ду нусха мутобиқи замимаи 6 Тартиби мазкур таҳия карда мешавад, амалӣ мегардад.

92. Дар ҳолати рад кардани корманди масъул аз гирифтани санади санҷиш барои шиносоӣ ё саркашӣ кардани он аз қабули санади санҷиш барои супурдани он ба роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ барои шиносоӣ, дар ҳар ду нусхаи санади санҷиш навиштаҷоти зерин сабт мегардад: «Аз гирифтани санади санҷиш барои шиносоӣ саркашӣ кард», ки он ҷо вазифа, ному насаби корманди масъул нишон дода шуда, бо имзои роҳбари гурӯҳи санҷиш ва аъзои гурӯҳи санҷиш тасдиқ мегардад.

93. Ҳангоми зарурат, аз ҷумла дар мавриди гузаронидани санҷиш оид ба масъалаҳои фаъолияти филиалҳо ва намояндагиҳои берун аз маҳалли ҷойгиршавии саридора, агар кормандони масъули онҳо ваколатнома оид ба қабули санади санҷиш надошта бошанд, он гоҳ санади санҷиш имкон дорад тавассути бастаи фармоишии почтавӣ бо огоҳиномаи ирсоли он ба роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ фиристода шавад.

94. Роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ бояд бо санади санҷиш дар муҳлати на зиёда аз 5 рӯзи корӣ аз рӯзи имзо шудани пайнавишти қабулу супурди он ё рӯзи супурдани бастаи фармоишии почтавӣ (минбаъд - муҳлати шиносоӣ бо санади санҷиш) шинос гардад.

95. Далели шиносоӣ бо санади санҷиш дар ҳар ду нусхаи он бо нишон додани таърихи шиносоӣ бо санади санҷиш бо имзои роҳбар ё корманди масъули филиалҳо ва намояндагиҳои субъекти фаъолияти суғуртавӣ ва бо нақши муҳри он тасдиқ карда мешавад.

96. Дар ҳолати норозигӣ ба санади санҷиш, роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ ҳуқуқ дорад бо навиштаҷоти «Норозигӣ ба санади санҷиш» дар «___» варақ

замима мегардад (минбаъд - норозигӣ ба санади санҷиш) эътирози хаттӣ пешниҳод кунад.

97. Норозигӣ ба санади санҷиш бояд дар ду нусха таҳия гардида, бо имзои роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ ва сармуҳосиби он ё шахсони онҳоро ивазкунанда ва муҳри субъекти фаъолияти суғуртавӣ тасдиқ карда шавад.

98. Норозигӣ ба санади санҷиш дар шакли коғазӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ ҳамчунин дар шакли электронӣ ба роҳбари гурӯҳи санҷиш пешниҳод мегардад.

99. Ҳангоми гузаронидани санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ аз рӯйи масъалаҳои фаъолияти филиалҳо ва намояндагиҳо берун аз маҳалли ҷойгиршавии он корманди масъул ҳуқуқ дорад норозигӣ ба санади санҷиш пешниҳод кунад.

100. Норозигӣ ба санади санҷиш ҷузъи таркибии санади санҷиш мебошад.

101. Нусхаи аввали санади санҷиш барои баррасӣ ва қабули қарори дахлдор ба шахси мансабдор пешниҳод карда мешавад.

## 10. ХУСУСИЯТҲОИ САНҶИШИ ФИЛИАЛУ НАМОЯНДАГИҲОИ СУБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВИИ ХОРИҶӢ, ФИЛИАЛУ НАМОЯНДАГИҲОИ ХОРИҶИИ СУБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

102. Санҷиши филиалу намояндагиҳои субъектҳои фаъолияти суғуртавии хориҷӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, мутобиқи Тартиби мазкур аз ҷониби намояндагони ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Дар сурати набудани созишнома (меморандум) байни Бонки миллии Тоҷикистон ва мақоми назорати суғуртавии давлати хориҷӣ санҷиш метавонад бо иштироки намояндагони ваколатдори мақоми назорати суғуртавии давлати хориҷӣ гузаронида мешавад.

103. Санҷиши филиалу намояндагиҳои субъектҳои фаъолияти суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд (минбаъд – филиалу намояндагиҳои хориҷии субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ) бо назардошти талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва созишнома (меморандум), аз ҷониби намояндагони ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

104. Санҷиш ҳамчунин метавонад дар асоси созишнома (меморандум) бо ташаббуси мақоми назорати суғуртавии давлати хориҷие, ки филиалҳо ва намояндагиҳои хориҷии субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар ҳудуди он ҷойгир шудаанд, гузаронида шавад. Натиҷаи санҷиш бо тартиби пешбиникардаи созишнома (меморандум) ба расмият дароварда шуда, ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мегардад. Дар сурати набудани созишнома (меморандум) санҷиши филиалҳо ва намояндагиҳои хориҷии субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ бо тартиби инфиродӣ дар асоси мувофиқаи байни Бонки миллии Точикистон ва мақомоти назорати суғуртавии давлатҳои хориҷӣ гузаронида мешавад.

105. Бонки миллии Тоҷикистон аз рӯйи натиҷаи санҷиши филиалҳо ва намояндагиҳои хориҷии субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ метавонад ба мақомоти назорати суғуртавии давлати хориҷие, ки дар ҳудуди он ин филиалҳо ва намояндагиҳо ҷойгиранд, гузаронидани машваратро барои муҳокимаи муштараки натиҷаҳои санҷиш тавсия диҳад.

106. Роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ аз хусуси шиносоӣ бо натиҷаи санҷиши филиалҳо ва намояндагиҳои хориҷии худ дар муҳлати на дертар аз 10 рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани маводи санҷиш Бонки миллии Тоҷикистонро огоҳ мекунад.

107. Санҷиши намояндагии субъекти фаъолияти суғуртавие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, мутобиқи Тартиби мазкур оид ба масъалаи мутобиқат намудани фаъолияти намояндагӣ ба низомномаи он ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

Замимаи №1
ба Тартиби гузаронидани санҷиши
субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ

СУПОРИШНОМА
БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ
(шакли намуна)

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Барои истифодаи хизматӣ
Нусхаи №___

Супоришнома барои гузаронидани санҷиш

_______________________________________________________________________
(номи расмии субъекти фаъолияти суғуртавӣ)

№____ аз «___» «________» соли 20__

Мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва «Тартиби гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ» ба роҳбари гурӯҳи санҷиш

_______________________________________________________________________
(ному насаб)

ва аъзои гурӯҳи санҷиш____________________________________________________
(ному насаб)

супориш дода мешавад, ки дар ___________________________________________
(номи пурраи субъекти фаъолияти суғуртавӣ)
санҷиш гузаронад.

Масъалаҳои мавриди санҷиш:

Роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон буда, барои гузаронидани санҷиши ташкилот, филиалҳо ва намояндагиҳои он дар асоси супоришномаи мазкур ваколатҳои дахлдор доранд.

Роҳбар ва кормандони ташкилот вазифадоранд мутобиқи супоришномаи мазкур дар гузаронидани санҷиш ба роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш мусоидат намоянд.

Супоришнома аз «_____» « ___________ » соли 20___ то «____» «___________» соли 20__ эътибор дорад.

Шахси мансабдори Бонки миллии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи имзо кардани супоришномаро барои гузаронидани санҷиш дорад.

___________________________________________ _______________

ҷ.м.     (ному насаб)     (имзо)

Бонки миллии Тоҷикистон

Супоришнома гирифта шуд: « ________ » «________» с. 20 _ ,   соати  «____» «____ » дақиқа

Роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ

__________________________________________     ________________

ҷ.м.     (ному насаб)     (имзо)

Дар супоришнома танҳо дар ҳолатҳои гузаронидани санҷиши такрорӣ масъалаҳое, ки бояд санҷида шаванд, нишон дода мешаванд.

Замимаи №2
ба Тартиби гузаронидани санҷиши
субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ

ИЛОВА БА СУПОРИШНОМА БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ
САНҶИШИ СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ
(шакли намуна)

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Барои истифодаи хизматӣ
Нусхаи №____

Илова ба супоришнома (тамдид, тағйири аъзои гурӯҳи санҷиш ва ғайра)
барои гузаронидани санҷиш

_______________________________________________________________
(номи расмии субъекти фаъолияти суғуртавӣ)

№___ аз «___ » «________» соли 20__

Мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва «Тартиби гузаронидани санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ» ба роҳбари гурӯҳи санҷиш _______________________________________________________________

(ному насаб)

ва аъзои гурӯҳи санҷиш_____________________________________________________
(ному насаб)

супориш дода мешавад, ки дар _______________________________________________
(номи пурраи субъекти фаъолияти суғуртавӣ)
санҷиш субъекти фаъолияти суғуртавиро идома диҳанд.

Иловаи мазкур ба супоришнома ҷузъи таркибии супоришнома барои гузаронидани санҷиш аз «______» «________» соли 20 № ба ҳисоб меравад.

Супоришнома аз «______» «________» соли 20____ то «________» «________ » соли 20___ эътибор дорад.

Шахси мансабдори Бонки миллии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи имзо кардани супоришномаро барои гузаронидани санҷиш дорад

_______________________________________ _______________
ҷ.м. (ному насаб) (имзо)

Бонки миллии Тоҷикистон

Илова ба Супоришнома гирифта шуд: «____» «________» с. 20___, соати «_____» «_______» дақиқа

Роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ

_____________________________________________ ________________

ҷ.м. (ному насаб) (имзо)

Замимаи №3
ба Тартиби гузаронидани санҷиши
субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ

ОГОҲИНОМА ДАР БОРАИ БОЗДОШТАНИ САНҶИШИ
СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ
(шакли намуна)

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Барои истифодаи хизматӣ
Нусхаи №____

Огоҳинома дар бораи боздоштани санҷиш
________________________________________________________________________
(номи расмии субъекти фаъолияти суғуртавӣ)

Роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ

Вобаста ба имконнопазир будани идомаи санҷиш, ки мутобиқи супоришнома барои гузаронидани санҷиш аз «___» «________» соли 20____, №____ бевосита дар субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагиҳои он гузаронида мешавад, бо сабаби (сабаби имконпазир набудани идомаи санҷиш бевосита дар субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагиҳои он) гурӯҳи санҷиш дарҳайати_________________________________________________________________дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш санад таҳия намуд ва гузаронидани санҷишро то лаҳзаи қабули қарор аз рӯйи санад оид ба мамониат ба гузаронидани санҷиш (аз ҷониби шахси мансабдори Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар хусуси гузаронидани санҷиш қарор қабул кардааст) боздошт.

Санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш ба (шахси мансабдори Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар хусуси гузаронидани санҷиш қарор қабул кардааст) пешниҳод гардид.

«_______» «________» соли 20___

Шахси мансабдори Бонки миллии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи супоришро барои гузаронидани санҷиш дорад.

___________________________________________ ________________

ҷ.м. (ному насаб) (имзо)

Бонки миллии Тоҷикистон

«___» «____________» соли 20____

Ин ҷо дар бораи мавҷудияти далелҳои таҳдид ба ҳаёт ва саломатии роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ, мамониати субъекти фаъолияти суғуртавӣ ба гузаронидани санҷиш ё дар бораи дигар далелҳое, ки ба гузаронидани санҷиш монеъ мегарданд, маълумот оварда мешавад.

Замимаи 4 ба Тартиби
гузаронидани санҷиши
субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ

## МУНДАРИҶАИ МАСЪАЛАҲОИ САНАДИ САНҶИШ
(шакли намуна)

## БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Барои истифодаи хидматӣ
Нусхаи №____

________________________________________________________________________________
(номи расмии субъекти фаъолияти суғуртавӣ)

Аъзои гурӯҳи санҷиш: ному насаб ва санаи пур кардани бандҳо дар замимаи мазкур пас аз анҷомёбии санҷиш.

Роҳбари гурӯҳи санҷиш: ному насаб ва санаи азназаргузаронии бандҳои замимаи мазкур баъди пур намудани он аз ҷониби аъзои гурӯҳи санҷиш. Бандҳое, ки бевосита аз ҷониби роҳбари гурӯҳ санҷида шудаанд, ному насаб, санаи баанҷомрасӣ ва ворид кардани маълумот дар замимаи мазкурро нишон медиҳад, инчунин дар сутуни аъзои гурӯҳи санҷиш аломати «ХХ» ворид карда мешавад.

Масъалаҳое, ки ба субъекти фаъолияти суғуртавии санҷишшаванда тааллуқ надоранд, дар ҳамаи сутунҳо аломати «___» гузошта мешавад.

| Масъалаҳои санҷиш | Аъзои гурӯҳ | Роҳбари гурӯҳ | Саҳифа |
|---|---|---|---|
| Талаботи барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои таъсисӣ | | | |
| Талабот нисбат ба ташкил ва мавҷудияти сармояи (фонди) оинномавӣ | | | |
| Талаботи муқарраршуда оид ба саҳми сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ дар сармояи оинномавӣ | | | |
| Мавҷудияти иҷозатнома оид ба амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ | | | |
| Мутобиқати намудҳои суғуртаи амалишаванда аз рӯйи қоидаҳои суғуртаи мувофиқашуда | | | |
| Тартиби ҳисобкунии таносуби меъёрии маблағҳои худӣ ва ӯҳдадориҳои қабулгардида | | | |
| Талабот нисбат ба ташаккулдиҳии захираҳои суғуртавӣ | | | |
| Талаботи бастани шартномаи суғуртавӣ | | | |
| Раванди амалиётҳои суғуртаи муштарак | | | |
| Талабот нисбати амалиётҳои азнавсуғуртакунӣ | | | |
| Талаботи барасмиятдарории ҳодисаҳои суғуртавӣ | | | |
| Дурустии муайянсозии андозаи пардохти суғуртавӣ ва ҷуброни суғуртавӣ | | | |
| Тартиб ва мӯҳлати пардохти маблағи суғуртавӣ ва ҷуброни суғуртавӣ | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Риояи меъёри тарифҳои суғуртавии тасдиқшуда | | | |
| Риояи талаботи баҳисобгирии полисҳои суғуртавӣ дар шакли хаттӣ ва электронӣ | | | |
| Дурустии фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, оморӣ ва дигар ҳисоботҳо | | | |
| Дуруст ташкил намудани сохтори ташкили идоракунӣ, сифати идоракунӣ (менеҷмент) ва риояи талаботи тахассусӣ нисбат ба роҳбар ва кормандон | | | |
| Риояи талабот нисбат ба интиқол намудани портфели суғуртавӣ | | | |
| Дуруст ташкил кардани назорат ва аудити дохилӣ | | | |
| Риояи талабот нисбат ба аудити ҳатмӣ ва иҷрои нақшаи чорабиниҳо | | | |
| Риояи талабот нисбат ба омода намудани сомона ва шафофияти иттилоот дар он | | | |
| Риояи талабот нисбат ба амалишавии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждание ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт | | | |
| Риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом | | | |
| Риояи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба суғуртаи ҳатмии давлатӣ | | | |
| Риояи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба суғуртаи ҳатмӣ | | | |
| Риояи муқаррароти дигари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», | | | |
| Риояи муқаррароти дигари қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор | | | |

Замимаи №5 ба Тартиби
гузаронидани санҷиши
субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ

САНАДИ (ФОСИЛАВИИ) САНҶИШИ СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ
(шакли намуна)

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Барои истифодаи хизматӣ
Нусхаи №____

Санади (фосилавии) санҷиш

________________________________________________________________________
(номи расмии субъекти фаъолияти суғуртавӣ)

Таърихи таҳияи санад: «___» «________» соли 20__, рақами (№) қайд _______
Ҷойи таҳия шудани санад: Санади санҷиш

________________________________________________________________________
(номи расмии субъекти фаъолияти суғуртавӣ)

Оғози санҷиш: «___» «________» соли 20__
Анҷоми санҷиш: «___» «________» соли 20__

Санади мазкур аз рӯи натиҷаи санҷиши______________________________________
____________________________________________________________________________________
(номи расмии субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он)

ки мутобиқи супоришнома барои гузаронидани санҷиш аз «___» «________» соли 20__, таҳти №__ гузаронида мешавад, таҳия гардид.

Санади (фосилавии) санҷиш (қисми муқаддимавӣ, таҳлилӣ ва хотимавӣ) сохтор ва мазмуни санади санҷиш мутобиқи Тартиби гузаронидани санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Замима ба санади санҷиш: дар____варақ

(бо нишон додани номгӯйи ҳуҷҷатҳои замимашаванда (нусхаи онҳо)

Санади мазкур дар ду нусха, ки ҳар ду эътибори ягонаи ҳуқуқӣ доранд, таҳия шудааст.

Роҳбари гурӯҳи санҷишӣ __________ ____________________________
(имзо) (ному насаб)

Аъзои гурӯҳи санҷишӣ __________ ____________________________
(имзо) (ному насаб)

Бо санади санҷиши (фосилавии) субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он шинос аст:

Роҳбари субъекти фаъъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он

_______________ _______________

ҷ. м. (имзо) (ному насаб)

«___» «________» соли 20____

Норозигӣ ба санади санҷиш дар "__" варақ замима мегардад.

Роҳбари субъекти фаъъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он

_______________ _______________

ҷ. м. (имзо) (ному насаб)

Дар ҳолати гузаронидани санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он аз рӯи масъалаҳои фаъолияти онҳо ба санади санҷиш метавонад баёноти хаттии корманди масъули субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он бо нишон додани номи хонаводагӣ, ном ва номи падар ва вазифаи ӯ, ҳамчунин таърихи пешниҳод шудани онҳо ба роҳбари гурӯҳи санҷиш замима гарданд.

Замимаи №6 ба Тартиби
гузаронидани санҷиши
субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ

ПАЙНАВИШТИ ҚАБУЛУ СУПУРДИ САНАДИ САНҶИШИ
СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ
(шакли намуна)

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Барои истифодаи хизматӣ
Нусхаи №____

Пайнавишти қабулу супурди санади санҷиш
________________________________________________________________
(номи расмии субъекти фаъолияти суғуртавӣ)

аз «___» «________» соли 20___

Пайнавишти мазкур вобаста ба супурдани санади санҷиши_____________________________________________________________________________________________

(номи расмии субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он)

мутобиқи супоришнома барои гузаронидани санҷиш аз «___» «________» соли 20___ таҳти №____ барои шинос намудани роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ ______________________________________________________________________

(номи расмии субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он)

таҳия шудааст.

Гурӯҳи санҷиш барои шинос намудани субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он дар асоси ҳуҷҷатҳои (иттилооти) аз субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он гирифташуда дар давраи аз «___» «________» соли 20___, то «___» «________» соли 20___ дар ду нусха санади санҷишро, ки ҳар кадоми он эътибори якхелаи ҳуқуқӣ дорад, таҳия намуд ва нусхаи санади мазкурро барои шиносоӣ ба субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он месупорад.

Ба роҳбар ё корманди масъули субъекти фаъолияти суғуртавӣ зарур аст, ки ҳифзу нигаҳдории санади санҷишро таъмин намуда, дар муҳлати на дертар аз 5 рӯзи корӣ аз рӯзи имзо шудани пайнавишти мазкур бо он шинос шавад.

Далели шинос шудан бо санади санҷиш бояд бо имзои роҳбар ё корманди масъули субъекти фаъолияти суғуртавӣ ва нақши муҳри субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндании он дар ҳар ду нусхаи санади санҷиш «___» «________» соли 20___ соати «___» «________» дақиқа дар бинои субъекти фаъолияти

суғуртавӣ, филиал ва намояндании он бо нишонии: ______________________тасдиқ карда шавад.

Ифшои маълумоте, ки дар санади санҷиш маҳфуз аст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Пайнавишти мазкур дар ду нусха таҳия шудааст.

Роҳбари гурӯҳи санҷишӣ __________ ___________________________

(имзо) (ному насаб)

Роҳбари субъекти фаъъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он

______________ _______________

ҷ. м. (имзо) (ному насаб)

Дар ҳолати ба корманди масъули субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндании он супурдани санади санҷиш насаб, ном, номи падар, вазифаи корманди масъули субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндании он, рақам ва таърихи додани ваколатнома барои иҷрои фаъолият аз рӯи қабули санади санҷиш барои ба шиносоӣ додани он ба роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндании он нишон дода мешавад.

Замимаи №7 ба Тартиби
гузаронидани санҷиши
субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ

САНАД ДАР БОРАИ МАМОНИАТ БА ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ
(шакли намуна)

БОНКИ МИЛЛИИ ТОЧИКИСТОН

Барои истифодаи хизматӣ
Нусхаи №_____

САНАД
Дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш

№___ аз «___» «________» соли 20___

Санади мазкур дар асоси далели мамониат ба гузаронидани санҷиши ________________________________________________________________________________

(номи расмии субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагҳои он), ки мутобиқи супоришнома барои гузаронидани санҷиш аз «___» «________» соли 20____, №____ тартиб дода шуд.

Гурӯҳи санҷишӣ дар ҳайати_______________________________________________
(ному насаби роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ)
дар ___________________________________________________________________________
(номи расмии субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он)

аз «___» «________» соли 20___ санҷиш гузаронд (бояд ба санҷиш оғоз мекард).

Барои гузаронидани санҷиш ба гурӯҳи санҷишӣ зарур аст (иҷозати ворид шудан ба бино ва биноҳои хидматии субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои санҷидашаванда, гирифтани ҳуҷҷатҳои (иттилооти) барои санҷиш зарур, нусхабардорӣ кардани ин ҳуҷҷатҳо, гирифтани баёнот ва ғайра).

Роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он __________________________ (иҷозати ворид шудан ба бино ва дигар биноҳои хидматии субъекти фаъолияти суғуртавӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро рад намуд), ки ин боиси имконнопазир гардидани санҷиш дар тсубъекти фаъолияти суғуртавӣ гардид.

Роҳбари гурӯҳи санҷишӣ __________ ___________________________

(имзо) (ному насаб)

Аъзои гурӯҳи санҷишӣ ___________ ______________________________
(имзо) (ному насаб)

«___» «_________» соли 20___

Нусхаи санади мазкур гирифта шуд: «___» «_________» соли 20__ соати «___» «_________» дақиқа.

Роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ ___________ ________________
ҷ. м. (имзо) (ному насаб)

Дар ҳолати ба корманди масъули субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои он супурдани санади санҷиш номи хонаводагӣ, ном, номи падар, вазифаи корманди масъули субъекти фаъолияти суғуртавӣ, рақам ва таърихи додани ваколатнома барои иҷрои фаъолият аз рӯйи қабули санади санҷиш барои ба шиносоӣ додани он ба роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои он нишон дода мешавад.